**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН**

# ҲИСОБОТИ СОЛОНА 2024



# Ҳисоботи солонаи Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон | 2024

# МУНДАРИҶА


Ихтисораҳо 3

Муқаддима 4

Мақсад ва вазифаҳои Хазина 6

1. Вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 10

1.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 10

1.2. Суғурта гардидани амонату пасандозҳо 14

1.3. Ҳолатҳои суғуртавӣ ва пардохти ҷубронпулии суғурта 20

1.4. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина 23

2. Таъмини иҷрои дигар вазифаҳои Хазина 25

2.1. Арзёбии пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ 25

2.2. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳо 26

2.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа 28

2.4. Такмили санадҳои меъёрӣ 29

2.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ 30

2.6. Сохтори ташкилӣ ва кормандони Хазина 31

3. Ҳисоботи молиявии Хазина 34

# Ихтисораҳо

**АБСП (IADI)** – Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон

**БАТР** – Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

**БОР** – Бонки Осиёгии Рушд

**Вазорати молия** - Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИМА** – Иёлоти муттаҳидаи Америка

**КМА, Кумитаи АБСП (IADI)** - Кумитаи минтақавии Авруосиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**Қонун** – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо”

**ММД** – Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ

**НСАП** – Низоми суғуртаи амонатиу пасандозҳо

**ТАҚХ** – Ташкилоти амонатии қарзии хурд

**ТҚ** – Ташкилоти қарзӣ

**ТҚҒ** – Ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ

**Хазина** – Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**ХБА** – Хазинаи байналмилалии асъор

**Шурои нозирон** - Шурои нозирони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Муқаддима

Дар соли 2024 раванди рушди устувори иқтисодиёт ва вазъи макроиқтисодӣ нигоҳ дошта шуда, афзоиши устувори фаъолнокии иқтисодӣ ва бо ададҳои мусбат ҷамъбаст ёфтани нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодию молиявӣ, аз қабили рушди воқеии ММД, сатҳи таваррум, гардиши савдо ва даромадҳои буҷети давлатӣ мушоҳида гардид.

Нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкӣ, бахусус вазъи сармоякунонӣ ва пардохтпазирӣ муътадил буда, сатҳу сифати дороиҳои он ба таври назаррас беҳтар гардид. Натиҷаҳои фаъолияти молиявии низоми бонкӣ низ беҳтар гардида, даромаднокии дороиҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ афзун гардид. Дар баробари ин, афзоиши ҳаҷми амонату пасандозҳои ҷалбшуда ва қарзҳои додашуда ба иқтисодиёт аз ҷониби низоми бонкӣ идома ёфт.

Хазина фаъолияти худро дар соли 2024 баҳри ноил гардидан ба мақсаду вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар ва мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин танзими босамари низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, идома дод.

Дар соли ҳисоботӣ вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо низ устувор буда, зиёд шудани шумораи ташкилотҳои қарзии узви Хазина, афзоиши назарраси ҳаҷми амонату пасандозҳо ва шумораи пасандоздорони суғурташуда, ба хусус ба амал наомадани ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилоти қарзии узви Хазина, ба қайд гирифта шуд.

Дар навбати худ, дар шароити муътадилии вазъи низоми бонкӣ ва ба вуқуъ наомадани ҳолатҳои суғуртавӣ, дар соли 2024 афзоиши дороиҳои Хазина низ раванди устуворро нишон дод.

Ҳисоботи солонаи Хазина барои соли 2024 мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” омода гардида, он таҳлили вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, фаъолияти Хазина дар самти иҷрои вазифаҳои вогузоршуда ва ҷамъбасти натиҷаҳои молиявии Хазинаро дар соли молиявии сипаришуда дарбар мегирад.

# Мақсад ва вазифаҳои Хазина

## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи пасандозҳои аҳолӣ аз хавфи муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ таъсис дода шудааст.

Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти Хазина бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ба танзим дароварда шуда, мутобиқи он Хазина суғуртаи суратҳисобҳои амонату пасандозиро бе бастани шартнома бо ташкилотҳои қарзӣ амалӣ менамояд.




Баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои худ Хазина фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳоро танзим менамояд, ҷубронпулии суғуртаро сари вақт муайян ва ба пасандоздорон пардохт мекунад, феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазинаро пеш мебарад, пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ, ҷамъоварӣ ва баҳисобгирии онро амалӣ менамояд, бо мақсади андӯхти молу мулки Хазина маблағҳои Хазинаро сармоягузорӣ, идора ва ҷойгир мекунад. Ғайр аз ин, тибқи Қонун ваколатҳои Хазина иштироки онро дар раванди батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ менамояд.

Мақоми олии идоракунии Хазина, ки барои назорати умумии фаъолияти он масъул аст Шурои нозирон аст, ки ҳайати он аз панҷ нафар аъзои доимӣ, аз ҷумла раиси Бонки миллии Тоҷикистон (Раиси Шурои нозирон), муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва раиси Хазина иборат аст.

Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо механизме мебошад, ки пасандоздоронро аз хавфи талафи пасандозҳои суғурташуда, тавассути пардохти ҷубронпулӣ дар сурати дучор шудани ташкилоти қарзӣ бо мушкилии қобилияти пардохтпазирӣ ва барҳамхӯрӣ, ҳифз мекунад. Дар баробари ин, яке аз ҳадафҳои асосии он коҳиш додани хатари ваҳму таҳлука миёни омма ва пешгирии ба таври занҷирӣ гузаштани мушкилот аз як ташкилоти қарзӣ ба дигар ташкилотҳо ҳангоми дар он ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Умуман, устувории низоми суғуртаи амонату пасандозҳо боварии пасандоздоронро ба низоми бонкӣ таҳким дода, ба ин васила ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳои низоми бонкӣ мусоидат мекунад.

## Моҳияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

### Ҳимояи пасандоздорон, пеш аз ҳама пасандоздорони хурд

НСАП кафолат медиҳад, ки ҳангоми ба вуққъ омадани ҳолати суғуртавӣ, тамоми пасандоздорон ҷубронпулии суғуртаро сари вақт гиранд.

### Боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ

Дар заминаи кафолати НСАП боварӣ ба он аст, ки новобаста аз вазъи молиявии бонк, маблағҳои пасандоздорон ҳимоя хоҳанд шуд.

### Мусоидат ба суботи молиявӣ

НСАП ба устувории умумии низоми молиявӣ мусоидат мекунад ва бӯҳронҳои системавиро пешгирӣ мекунад, зеро вақте пасандоздорон медонанд, ки маблағҳои онҳо ҳифз карда мешаванд, онҳо дар давраи бӯҳрони бонкӣ барои яку якбора бозпас гирифтани тамоми пулҳои худ аз бонкҳо аз ҳад зиёд майл намекунанд.

### Ҷалби амонату пасандозҳои аҳолӣ

НСАП аҳолиро ҳавасманд мекунад, ки пулҳои худро дар бонкҳо нигоҳ доранд ва пойгоҳи қарзии захиравии бонкҳоро афзун намоянд, ки ин ниҳоятан ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Самтҳои афзалиятноки стратегӣ ва ҳадафҳои амалиётии Хазина дар давраи дарозмуҳлат чунин муайян карда шудаанд:

1. “Суғуртаи амонату пасандозҳо” - тақвияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, таҳкими омодагии Хазина ба эҳтимолияти амалӣ гаштани

ҳолатҳои суғуртавӣ ва таъмини раванди самараноки пардохти ҷубронпулии суғурта.

2. “Идоракунии равандҳои дохилӣ-корпоративӣ” - таъмини устувории молиявии Хазина, идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ, инчунин такмили сохтори ташкилӣ ва тахассуси кормандони Хазина.

3. “Сиёсати иттилоотӣ” - диққати асосӣ ба вусъат додани корҳои таблиғоту ташвиқотии Хазина ва раванди иртибот бо ҷомеа оиди моҳияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.

4. “Ҳамкориҳои самаранок” - масъалаҳои беҳтар намудани ҳамкорӣ бо шарикони асосӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ.

**МАҚСАД**

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ ва таҳкими эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**ВАКОЛАТ**

Суғуртаи амонату пасандозҳои пасандоздорон, танзими низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, иштирок дар раванди батанзимдарории ташкилоти қарзӣ[1].

**БИНИШ**

Ҳамчун як ташкилоти муваффақ, муассир ва пешсафи суғуртакунандаи амонату пасандозҳо шинохта шудан ва самаранок амалӣ намудани вазифаҳои вогузоршуда бо дарназардошти дастовардҳои беҳтарини таҷрибаи ҷаҳонӣ.

**АРЗИШҲО**

Дар раванди фаъолият принсипҳои поквиҷдонӣ, касбият, шаффофият, масъулияти молиявӣ, ҳамкорӣ ва фарогириро пеша гирифтан.

[1] *Ба истилоҳи байналмилалӣ: “Pay-box plus mandate”*

# Вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

# 1. ВАЗЪИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

## 1.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Ба ҳолати интиҳои соли 2024 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 35 ташкилоти қарзӣ шомил буд, ки аз онҳо 13 адад бонк, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) ва 21 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) мебошанд.

**Теъдоди ташкилотҳои қарзии аъзои низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**




Дар соли ҳисоботӣ се ташкилоти қарзии нав, аз ҷумла 1 адад бонк ва ду адад ТАҚХ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил гардида, ду адад ташкилоти қарзӣ бинобар иваз шудани ном аз нав ба расмият дароварда шуданд. Дар маҷмуъ, дар соли ҳисоботӣ дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

- бинобар иваз шудани номи ҶДММ ТАҚХ "Фазо С" ба ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС "Молия", аз ҷониби Хазина тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" ба ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС "Молия" тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина аз санаи 14 октябри соли 2024 таҳти №071 дода шуд. Вобаста ба ин, Тасдиқномаи ҶДММ ТАҚХ "Фазо С" дар бораи узвият ба Хазина аз 19 июни соли 2023, №20 аз эътибор соқит дониста шуд;
- бинобар иваз шудани номи ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" ба ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон", аз ҷониби Хазина тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" ба ҶСП ""Бонки

сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина аз санаи 25 октябри соли 2024 таҳти №000072 дода шуд. Вобаста ба ин, Тасдиқномаи ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" дар бораи узвият ба Хазина аз 19 июни соли 2023, №007 аз эътибор соқит дониста шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶСП «Фридом Бонк Тоҷикистон» барои пешбурди фаъолияти бонкӣ иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" аз ҷониби Хазина ба ҶСП «Фридом Бонк Тоҷикистон» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №000073 аз санаи 05 ноябри соли 2024 дода шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶДММ ТАҚХ «Доро Пей» барои пешбурди фаъолияти бонкӣ иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ «Доро Пей» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №000074 аз санаи 31 декабри соли 2024 дода шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶСП ТАҚХ «Бизнес Капитал» барои пешбурди фаъолияти бонкӣ иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" аз ҷониби Хазина ба ҶСП ТАҚХ «Бизнес Капитал» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №000075 аз санаи 31 декабри соли 2024 дода шуд.

## ФЕҲРИСТИ
**ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**
**ба ҳолати 31 декабри соли 2024**

| № | Номгӯи ташкилоти қарзӣ | Тасдиқнома |
|---|---|---|
| | **Бонкҳо** | **№** |
| 1 | ҶСК "Ориёнбонк" | 002 |
| 2 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 006 |
| **3** | ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" | 010 |
| 4 | ҶСП "Спитамен Бонк" | 013 |
| 5 | ҶСП Бонки "Арванд" | 025 |
| 6 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 055 |
| 7 | ҶСК "Алиф Бонк" | 056 |
| 8 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 058 |

| | | |
|---|---|---|
| 9 | Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 060 |
| 10 | ҶСП ”Душанбе Сити Бонк” | 064 |
| 11 | ҶСП “Актив Бонк” | 070 |
| 12 | ҶСП “Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон” | 000072 |
| 13 | ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 000073 |
| | **Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ** | |
| 14 | ҶДММ ТҚҒ "Васл" | 067 |
| | **Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | |
| 15 | ҶСП ТАҚХ “Ҳамров” | 016 |
| 16 | ҶДММ ТАҚХ ”Финка” | 022 |
| 17 | ҶДММ ТАҚХ ”Зудамал” | 023 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ “Матин” | 026 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ “Арғун” | 027 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ “Сомон-Тиҷорат” | 038 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ “Азизӣ-Молия” | 041 |
| 22 | ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 044 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | 045 |
| 24 | ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" | 046 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват" | 049 |
| 26 | ҶСП ТАҚХ "Ардо-Капитал" | 059 |
| 27 | ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ" | 062 |
| 28 | ҶСП ТАҚХ "Фуруз" | 063 |
| 29 | ҶСП ТАҚХ "Сандуқ" | 065 |
| 30 | ҶСП ТАҚХ “Шукр Молия” | 066 |
| 31 | ҶДММ ТАҚХ “Эмин Сармоя” | 068 |
| 32 | ҶДММ ТАҚХ “Баракат Молия” | 069 |
| 33 | ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС “Молия” | 071 |
| 34 | ҶДММ ТАҚХ "Доро Пей" | 000074 |
| 35 | ҶСП ТАҚХ "Бизнес Капитал" | 000075 |

Тибқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби амонату пасандозҳо дорад, узви Хазина мебошад. Дар низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо ҳамаи ташкилотҳои қарзии мазкур ҳамчун иштирокчии ин низом ва узви Хазина ба қайд гирифта шудаанд, ба истиснои ду бонки давлатӣ ва як бонки исломӣ.

Бояд қайд кард, ки тибқи муқаррароти моддаи 55 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаҳдорӣ ва баргардонидани амонату пасандозҳои шахсони воқеиро дар бонкҳои давлатӣ кафолат медиҳад. Айни замон, дар низоми бонкии кишвар ду бонки давлатӣ фаъолият карда, онҳо ба низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо шомил нестанд (бо вуҷуди оне, ки ин ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” мухолиф мебошад) ва бинобар кафолати давлатӣ бартарияти нисбиро нисбат ба дигар бонкҳо доранд.

Мутобиқи принсипҳои умдаи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (IADI) узвият дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бояд барои ҳамаи бонкҳо новобаста аз шакли моликият ҳатмӣ бошад. Тибқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва тавсияҳои коршиносони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ низ бонкҳои давлатӣ ба монанди дигар бонкҳо бояд ҳатман ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил бошанд, ки ин барои фароҳам овардани шароити рақобати солиму баробар мусоидат менамояд.

Дар давоми соли ҳисоботӣ аз ҷониби Хазина масъалаи мазкур расман бо бонкҳои давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз онҳо даъват ба амал оварда шуд, ки ба узвияти Хазина шомил гарданд. Дар баробари ин, Хазина кӯшиш ба харҷ дод, ки ҳадди аксар маълумотро ба бонкҳои давлатӣ оид ба зарурати шомилшавии онҳо ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, муқаррароти қонунгузории амалкунанда ва мухолифатҳои дар он мавҷудбуда, стандартҳо ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар ин самт, пешниҳод намояд. Мутаассифона, ташкилотҳои қарзии мазкур дар ин ҷода майлу рағбати кам зоҳир намуда, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки онҳо ҳоло барои ба узвияти Хазина шомил шудан омода нестанд.

Новобаста аз ин, масъалаи мазкур минбаъд низ пайгирӣ карда шуда, Хазина дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ барои дарёфти роҳҳои шомил гардидани бонкҳои давлатӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо чораандешӣ хоҳад кард.

## 1.2. Суғурта гардидани амонату пасандозҳо

### Ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо”, аз ҷониби Хазина амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо суғурта фаро гирифта мешаванд.

Дар соли 2024 дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо афзоиши ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва шумораи пасандоздорон идома ёфт. Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои аз ҷониби Хазина суғурташаванда ба 12,0 млрд. сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 36,4 фоиз афзуд.

**Ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ)**




Дар сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди асъор ҳиссаи бештар 61,6 фоиз ба амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва 38,4 фоиз ба амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ рост омад.

Ҳиссаи афзалиятноки пасандозҳои суғурташуда - 95,5 фоиз ба шахсони воқеӣ, аз он ҷумла соҳибкорони инфиродӣ ва боқимонда 4,5 фоиз ба шахсони ҳуқуқӣ (субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) рост меояд. Ҳамзамон, дар таркиби пасандозҳои суғурташуда амонатҳои дархостӣ, ки асосан аз маблағҳои бахши корпоративӣ (яъне, шахсони ҳуқуқӣ) иборатанд, ҳамагӣ 4,9 фоиз, амонатҳои пасандозӣ ва муҳлатнок, ки асосан аз маблағҳои шахсони воқеӣ иборат мебошанд, мувофиқан 49,5 фоиз ва 45,6 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳоро ташкил дод.

**Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи моликият (бо фоиз)**




**Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуд, бо фоиз**




Дар маҷмуъ, раванди афзоиши амонату пасандозҳо бо рушди бемайлони иқтисодиёти кишвар, вазъи мӯътадили макроиқтисодӣ, фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва мунтазам зиёд шудани эътимоди аҳолӣ, ҷалби амонату пасандозҳо вобаста ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкии ҷолибнок ва таъсири мусбати амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисодиёт, алоқаманд мебошад.

Вобаста ба ин, ҳиссаи фарогирии суғуртавии амонату пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина 47,0 фоизи ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои низоми бонкии кишварро дар бар гирифт (бақияи умумии

пасандозҳои низоми бонкӣ дар интиҳои соли 2024 - 25,5 млрд. сомониро ташкил додааст).

### Шумораи пасандоздорони суғурташуда

Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда, ки ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳояшон пардохт карда мешавад, 2,5 млн. нафарро ташкил дода, дар муқоиса ба интиҳои соли 2023 ба андозаи 20,9 фоиз зиёд гардид.

Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи пасандоздорони дар доираи андозаи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифташаванда 98,0 фоиз ва ҳиссаи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд буда, қисман ҷуброн карда мешаванд, 2,0 фоизи шумораи умумии пасандоздоронро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки маблағҳои шумораи аксари пасандоздорони суғурташуда дар доираи андозаи ҷубронпулӣ буда, пурра аз ҷониби Хазина ҳимоя карда мешаванд.

**Шумораи пасандоздорони суғурташуда, ҳаз. нафар**




Аз рӯи шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи зиёдтари пасандоздорон – 90,8 фоиз ба бонкҳо рост меояд. Ғайр аз ин, ҳаҷми асосии пасандозҳои суғурташуда аз рӯи ташкилотҳои қарзӣ асосан миёни якчанд ташкилот таҷаммуъ шудааст, аз ҷумла 77,8 фоизи пасандозҳои суғурташуда ба шаш ташкилоти қарзӣ рост меояд.

### Ҳиссаи пасандоздорон дар доираи андозаи ҷубронпулӣ (бо фоиз)




### Шумораи пасандоздорони суғурташуда аз рӯи тақсимоти маблағ




### Тақаммуи пасандозҳои суғурташуда (бо фоиз)












### Андозаи ҷубронпулии суғуртавӣ

Мутобиқи моддаи 22 Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" (Қонуни ҶТ аз 15.03.с.2023, №1961) андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда на бештар аз 35000 сомонӣ муайян гардидааст.

Қобили зикр аст, ки тибқи қонун андозаи ҷубронпулӣ давра ба давра, вале на камтар аз як маротиба дар се сол бо назардошти раванди рушди низоми бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар, аз нав дида баромада мешавад. Умуман, зиёд гардидани андозаи ҷубронпулӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, тавсеа додани фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар равона хоҳад гардид.

**Тамоюли афзоиши андозаи ҷубронпулии суғурта (ҳаз. сомонӣ)**




### Ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина

Ба ҳолати 31 декабри соли 2024 маблағи умумии ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина дар назди пасандоздорон аз рӯи пардохти ҷубронпулӣ (ё худ ӯҳдадориҳои потенсиалӣ) 4 819,3 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба андозаи назаррас – 46,9 фоиз афзуд. Сабаби асосии афзоиши ӯҳдадории потенсиалии Хазина асосан бо зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда алоқаманд мебошад.

Бояд қайд кард, ки ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда дар соли ҳисоботӣ 40,2 фоизро ташкил дод (дар соли қаблӣ 37,3 фоиз буд). Ӯҳдадории потенсиалии Хазина дар назди

пасандоздорони бонкҳо 88,0 фоизи ҳаҷми умумии уҳдадориҳо ва дар назди дигар ташкилотҳои қарзӣ мувофиқан 12,0 фоизро ташкил дод.

**Сохтори уҳдадориҳои суғуртавии Хазина (млрд. сомонӣ)**




Бештари уҳдадориҳои суғуртавии Хазина ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ рост меояд, ки ҳиссаи он 99,2 фоизи ҳаҷми умумии уҳдадориҳоро ташкил медиҳад. Уҳдадории суғуртавӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ бошад маблағи ҳамагӣ 0,8 фоизи ҳамаи уҳдадориҳои Хазинаро ташкил медиҳад.

**Сохтори уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи пасандоздорон (бо фоиз)**



Ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи маблағи амонату пасандозҳое, ки дар доираи андозаи маблағи ҷубронпулианд, 3 099,1 млн. сомонӣ ё худ 64,3 фоизи ҳамаи ӯҳдадориҳоро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи маблағи амонату пасандозҳое, ки аз доираи андозаи ҷубронпулӣ зиёданд, 1 720,2 млн. сомонӣ ё худ 35,7 фоизи ҳамаи ӯҳдадориҳоро ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон, ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда дар соли ҳисоботӣ 40,2 фоизро ташкил дод (дар соли қаблӣ 37,3 фоиз буд). Таносуби дороиҳои Хазина нисбат ба ӯҳдадориҳои суғуртавии потенсиалӣ бошад ба 5,9 фоиз расид, ки ин номутаносибии байни афзоиши дороиҳо ва ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазинаро нишон медиҳад.

**Таносуби ӯҳдадории Хазина нисбат ба кулли пасандозҳои суғурташуда (бо %)**




**Таносуби дороиҳои Хазина нисбат ба ӯҳдадориҳои суғуртавӣ (бо %)**




## 1.3. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулии суғурта

Хазина мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда таъмин менамояд. Бо ин роҳ Хазина мақсадҳои сиёсати давлатиро дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон амалӣ менамояд.

Боиси қаноатмандӣ аст, ки дар соли ҳисоботӣ дар ягон ташкилоти қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ наомад. Ҳолати мазкур аз фаъолияти босуботу устувори низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар давоми соли 2024 аз ҷониби Хазина ба пасандоздорони бонкҳои собиқ низомсози барҳамдодашудаи ҶСК “Агроинвестбонк” (АИБ) ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” (ТСБ), ки бо сабабҳои фавқулода дар мухлатҳои пешбинишуда барои гирифтани ҷубронпулӣ муроҷиат карда натавонистанд, пардохти ҷубронпулии суғурта дар асоси муқаррароти моддаи 26-и Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” идома ёфт. Аз ҷумла, бо назардошти пешниҳоди аризаи пасандоздорон оид ба тамдиди мухлати муроҷиат барои гирифтани ҷубронпулии суғурта, Хазина аризаҳои 14 нафар пасандоздорони муроҷиаткардаро қонеъ карда, ба онҳо ба маблағи 239,8 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намуд. Аз давраи барҳамхӯрӣ то интиҳои соли 2024 Хазина ба 13 112 нафар пасандоздорони АИБ ва ТСБ ба маблағи умумии 188,9 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст (аз ҷумла, АИБ - 133,68 млн. сомонӣ ва ТСБ – 55,21 млн. сомонӣ), ки ин мувофиқан 91,0 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии ҳисобшударо ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ, дар давраи солҳои 2016-2024 дар 18 ташкилоти қарзии узви Хазина, ки бинобар асосҳои маҷбурӣ барҳам дода шуда буданд, аз тарафи Хазина ба 15 391 нафар пасандоздорони суғурташуда ба маблағи умумии 212,3 млн. сомонӣ ҷубронпулии суғурта пардохт карда шуд.

**Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, млн. сомонӣ**




## Раванди қонеъгардии талаби Хазина аз рӯи маблағҳои пардохташудаи ҷубронпулии суғурта

Тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳуқуқи талаби манфиатҳои пасандоздор баробар ба андозаи маблағи пардохташудаи

ҷубронпулӣ ҳамчун суброгатсия ба Хазина вогузор карда шуда, талаботи мазкури Хазина тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” аз ҷониби мудири махсус ё барҳамдиҳанда қонеъ карда мешавад. Талаботи мазкур дар асоси принсипҳои асосии суғуртакунии пасандозҳо, ки аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунадагони пасандозҳо қабул шудааст ворид гардида, аз тарафи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҳамчун меъёри маъмулӣ эътироф шудааст.

Дар ин ҷода, раванди қонеъ гардонидани талаби Хазина ҳамчун қарздеҳ ғайриқаноатбахш боқӣ монда, дар давоми соли 2024 аз чор ташкилоти қарзии барҳамхӯрда, ки нисбати онҳо расмиёти муфлисшавӣ татбиқ шуда истодааст (ҶСП БСТ ТИСТ "Тоҷпромбонк", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСП ТАҚХ "Самар"), талаби Хазина умуман иҷро нашуда, ба Хазина аз ин ҳисоб ягон маблағ ворид нагардид.

Ба интиҳои соли 2024 аз 18 ташкилоти қарзии барҳамдодашуда ҳамагӣ 6-тои он (ҶДММ ТАҚХ “Баракат”, ҶСП ТАҚХ "Дафтари молиявӣ", ҶДММ ТАҚХ “Молия ва сармоя”, ҶДММ ТАҚХ “Тиҷорат”, ҶСП “Бонки Осиё” ва ҶСП "Кафолатбонк") талаби Хазинаро пурра иҷро карда, як ташкилоти қарзии барҳамхӯрда (ҶСК "Фононбонк") қисман ба андозаи баробар ба 8,9 фоизи уҳдадории умумии худ талаби Хазинаро қонеъ кардааст.

**Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии муфлисшуда, бо фоиз**




Дар умум, маблағи қонеъкардашудаи ташкилотҳои қарзии барҳамхӯрда ҳамагӣ 1,1 млн. сомонӣ ё худ 0,5 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии аз ҷониби Хазина ба ташкилотҳои қарзии барҳамхӯрда пардохтшударо (212,3 млн.

сомонӣ) ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи мазкур бениҳоят паст ва ғайриқаноатбахш мебошад.

## 1.4. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина

Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина аз рӯи масъалаҳои суғуртаи амонату пасандозҳо яке аз самтҳои асосии фаъолияти Хазина ҷиҳати назорати риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ва санадҳои меъёрии Хазина, ба ҳисоб меравад. Санҷишҳои ташкилоти қарзӣ доир ба масъалаҳои марбут ба андоза ва сохтори уҳдадориҳо аз рӯи амонату пасандозҳо, пардохтҳо ва дигар масъалаҳое, ки аз қонуни мазкур бармеоянд, аз ҷониби Хазина дар доираи гурӯҳҳои муштараки санҷишии Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси супоришномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешаванд.

Бо мақсади таъмини фаъолияти пурсамари низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва назорати иҷрои санадҳои меъёрии Хазина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, кормандони Хазина дар соли сипаришуда дар санҷишҳои нақшавии 29 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 12 бонк, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва 16 ташкилоти амонатии қарзии хурд иштирок намуданд (дар соли 2023 санҷиши 28 ташкилоти қарзии узви Хазина гузаронида шуда буд).

Дар рафти санҷишҳои ташкилотҳои қарзӣ тибқи “Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо” масъалаҳои зерин баррасӣ шуданд:

- саривақт ва пурра аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ гузаронидани пардохтҳо ба Хазина;
- пешбурди баҳисобгирии уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон ва омодагии ташкилоти қарзӣ ҷиҳати саривақт тибқи тартиби муқарраршуда омода намудани феҳристи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда;
- аз ҷониби ташкилоти қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон дар бораи иштироки худ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва санҷиши сатҳи дониши кормадони ташкилоти қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо.

Хазина дар навбати худ аз рӯи натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда ва камбудиҳои ошкор кардашуда, алалхусус ба талабот нисбати таҳияи Феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқарраршуда ва пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон дар бораи иштироки худ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, ба роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои мушаххас пешниҳод намуда, мониторинги саривақтии иҷрои дастуру тавсияҳои додашударо дар асоси нақшаи чорабиниҳои дахлдор ба роҳ монд.

# Таъмини иҷрои дигар вазифаҳои Хазина

# 2. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА

## 2.1. Арзёбии пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина бояд ҳар семоҳа ба андозаи 0,1 фоиз барои амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ аз рӯйи бақияи миёнаи семоҳаи гузаштаи онҳо, ки дар ташкилоти қарзӣ мавҷуданд ва бояд суғурта шаванд, пардохтҳои тақвимии бебозгаштро ба Хазина пардохт намоянд.

Хазина пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро бевосита барои ташаккули захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда бо мақсади иҷрои вазифаҳои пешбининамудаи қонун, пеш аз ҳама пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, равона менамояд. Дар ин ҷода, таъминнокии сатҳи ҷоизи маблағҳои захиравии Хазина бевосита ба эътимоди аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва суботи молиявии низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти ин, дар соли 2024 тибқи маълумотҳои даврии соли ҳисоботӣ ҳаҷми пардохтҳои тақвимии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина пардохташуда 73,4 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 43,1 фоиз зиёд мебошад. Афзоиши пардохтҳои тақвимӣ асосан бо зиёд шудани ҳаҷми амонату пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина вобаста аст.

Аз ҳаҷми умумии пардохтҳои тақвимии пардохтшуда 89,4 фоиз ба бонкҳо ва 10,6 фоиз ба дигар ташкилотҳои қарзӣ рост омад. Инчунин, аз ҳаҷми умумии пардохтҳои тақвимӣ 31,9 фоиз ба пули миллӣ ва 68,1 фоиз ба асъори хориҷӣ рост омад.

**Тамоюли пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2024 (млн. сомонӣ ва бо %)**






## 2.2. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳо

Фаъолияти сармоягузорӣ яке аз вазифаҳои муҳими Хазина ҷиҳати андӯхти маблағҳои озоди пулӣ тавассути идораи самаранок ва ҷойгиркунонии он ба ҳисоб меравад.

Тибқи Қонун Хазина маблағҳои худро метавонад ба коғазҳои қиматноки давлатӣ, коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон, коғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии (миллии) хориҷии бонуфуз, амонатҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ва коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалӣ сармоягузорӣ намояд.

Дар соли 2024 Хазина маблағҳои озоди худро бо мақсади гирифтани даромади ҷолибнок асосан ба коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ кард. Бояд зикр кард, ки дар соли 2024 аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти калидӣ бо мақсади тавсеа додани бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, тақвияти инфрасохтори бозори сармоя ва тадриҷан инкишофи низоми молиявии кишвар амалӣ карда шуд. Аз ҷумла, бори аввал дар таърихи кишвар барориши Вомбаргҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори муташаккил бо назардошти арзиши рақобатнок ва шартҳои барои сармоягузорон ҷолибнок тарҳрезӣ ва тавассути Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ татбиқ карда шуд.

Хазина бо мақсади таъмини фаъолияти босамари сармоягузории маблағҳои озоди худ ҷиҳати шомил шудан ба ҳайати аъзои Биржаи болозикр дархост ирсол намуд, ки дар натиҷа бо қарори Шурои нозирони ҶСК “Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ” Хазина ҳамчун иштирокчии бевосита оид ба амал намудан дар бозори коғазҳои қиматнокӣ давлатӣ ба майдони савдои “фондӣ” қабул карда шуд. Ҳамзамон, Хазина бо мақсади таъмини раванди босамари фаъолияти сармоягузорӣ бо ҶСП “Маҳфуздорандаи марказӣ” низ қарордод баста, он аз ҷониби Шурои нозирони Хазина ба сифати дорандаи сандуқи коғазҳои қиматнок, ки ба таркиби дороиҳои молиявии Хазина дохил мешаванд, тасдиқ карда шуд. Вобаста ба ин, Хазина ҷиҳати кушодани феҳристи маҳфуздоранда (суратҳисоби “депо”) дар Маҳфуздорандаи марказӣ тадбирҳои зарурӣ андешид.

Дар давоми соли 2024 дар маҷмуъ 16 музоядаи барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар ҳаҷми умумии 580,0 млн. сомонӣ ва бо мӯҳлатнокии 6-моҳа (векселҳо), 1-сола ва 2-сола (вомбаргҳо) баргузор гардид. Фоизи даромаднокии воситаҳои молиявии мазкур вобаста ба мӯҳлат аз 5 то12 фоизи солонаро ташкил доданд, ки ин пурра ба талаботу таклифот ва ба меъёрҳои бозорӣ мувофиқ мебошад. Бо назардошти ин, Хазина кӯшиш ба харҷ дод, ки дар музоядаҳои мазкури коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молия фаъолона иштирок намояд.

Дар натиҷа, Хазина маблағҳои худро дар ҳаҷми 252,2 млн. сомонӣ, ки 43,5 фоизи ҳаҷми умумии бароriши коғазҳои қиматноки давлатиро ташкил медиҳад, бо меъёри фоизи даромаднокии миёнавазни 6,6 фоизи солона ба коғазҳои қиматноки мазкур ҷойгир карда, даромади гирифташудаи Хазина аз ин ҳисоб дар соли баррасишаванда 6 900,5 ҳаз. сомониро ташкил дод. Меъёри фоизи даромаднокӣ ва даромади Хазина аз ҷойгиркунии дороиҳои худ нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан 6,7 ва 7,5 маротиба зиёд гардидааст (дар соли 2023 фоизи даромаднокӣ ва даромади Хазина аз хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ мувофиқан 0,99 фоиз ва 920,7 ҳаз. сомониро ташкил дода буд).

**Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ (млн. сомонӣ)**




**Даромади фоизии Хазина аз сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматноки давлатӣ (бо ҳаз. сомонӣ ва бо фоиз)**



## 2.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти Хазина ин пешбурди таблиғоту ташвиқот ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии ҷомеа оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми хабардор будан оиди ҳимоя гардидани амонату пасандозҳои худ, мизоҷон дар ҳолатҳои буҳронӣ ба хавфи ваҳм ва ба таври оммавӣ яку якбора бозпас гирифтани пасандозҳои худ, ки боиси бад гардидани вазъи ташкилоти қарзӣ мегардад, роҳ намедиҳанд. Омили мазкури равонӣ бо назардошти оне, ки низоми суғуртаи амонату пасандозҳо маблағи шумораи аксари пасандоздоронро пурра суғурта ва ҷуброн менамояд, бевосита ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири мусбат мерасонад.

Хазина дар давоми соли ҳисоботӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди корӣ дар самти корҳои ташвиқотӣ, паҳнсозии маълумот ва огоҳонии оммаи васеъ оид ба моҳияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, корҳои муайянро анҷом дод.

Дар давоми соли ҳисоботӣ дар сомонаи расмии Хазина ва шабакаҳои иҷтимоӣ маводҳои иттилоотию таҳлилӣ ва эълонҳо мунтазам нашр карда шуданд. Хазина оид ба масъалаҳои мухталифи соҳа, аз ҷумла оид ба тағйиротҳо дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, оид ба феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина, нишондиҳандаҳои таҳлилӣ оид ба суғуртакунии амонату пасандозҳо ва итилоот вобаста ба фаъолияти Хазина омода карда, дар сомонаи худ ҷойгир намуд.

Дар давоми давраи баррасишаванда баҳри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, мунтазам маводҳои таблиғотӣ, аз қабили буклетҳо, плакатҳо, баннерҳо, нишони худчаспи Хазина (стикерҳо), инчунин роликҳои видеоӣ омода гардида, тавассути телевизион ("Телевизиони Душанбе" ва "ТВ Тоҷикистон") ва ташкилотҳои қарзӣ паҳн карда шуданд.

Бо мақсади тақвияти сиёсати иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, инчунин бахшида ба 20-солагии таъсисёбии Хазина ролики видеоии махсус омода карда шуда, дар телевизион ва дигар воситаҳои ахбори омма паҳн карда шуд. Ҳамзамон, бо ин мақсад сомонаи расмии Хазина (https://dif.tj) дар шакли нав таҷдиди назар карда шуда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешкаши истифодабарандагон қарор дода шуд. Сомонаи таҷдидшуда бо тарҳ ва намуди замонавӣ, суръати баландтар ва дигар имконоти муосир такмил дода шуда, муҳтавои он хусусиятҳои Хазинаро ҳамчун ташкилоти танзимкунандаи фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо инъикос мекунад.

Ғайр аз ин, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ як қатор чорабиниҳо, аз қабили озмун ва иқдомҳои марбут ба ҷалби пасандозҳо, ташкили вохӯриҳо бо аҳолӣ оид ба фаҳмонидани моҳияти суғуртаи пасандозҳо, пахш намудани маводҳои таблиғотию ташвиқотӣ оид ба амалиётҳои пасандозӣ дар воситаҳои ахбори умум амалӣ карда шуд.

Баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон самти муҳими фаъолияти Хазина ба шумор рафта, Хазина мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" тартиби қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандонро амалӣ менамояд.

Дар соли 2024 ба Хазина дар маҷмуъ 23 адад арзу муроҷиатҳои шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пасандоздорон ва намояндагони онҳо дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ ва электронӣ ворид гардиданд.

Мазмуну муҳтавои қариб ҳамаи муроҷиатҳои ба Хазина воридшуда бо масъалаҳои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда, бахусус ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ҶСК "Агроинвестбонк" вобастагӣ доштанд. Аз ҷониби Хазина ба дархостҳои телефонии пасандоздорон, инчунин муроҷиатҳои шифоҳии шаҳрвандон ҷавобҳои муфассал дода шуд. Нисбати аризаҳои қабулшуда аз ҷониби кормандони масъули Хазина санҷишҳои такрорӣ гузаронида шуда, қисмати зиёди онҳо ҳалли худро ёфтанд.

## 2.4. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ

Бахри танзиму тавсеаи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва тақвияти заминаи молиявию институтсионалии Хазина, дар соли 2024 санадҳои меъёрии зерини Хазина такмил дода шуданд:

1. Дастурамал "Дар бораи пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон" (Бо қарори Шурои нозирони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон №8, аз «14» ноябри 2024с. тасдиқ шудааст).

2. Тартиби интихоби бонк-агент барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон (Бо қарори Шурои нозирони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон № 9, аз «14» ноябри 2024с. тасдиқ шудааст).

3. Тартиби ҳамкорӣ бо бонк-агент ҳангоми пардохти ҷубронпулии суғурта (Бо қарори Шурои нозирони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон № 10, аз «14» ноябри 2024с. тасдиқ шудааст).

4. Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ (Бо қарори Шурои нозирони Хазинаи

суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон № 11, аз «14» ноябри 2024с. тасдиқ шудааст).

5. Сиёсати сармоягузории Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (Бо қарори Шурои нозирони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон № 12, аз «14» ноябри 2024с. тасдиқ шудааст).

6. Барномаи муқовимат ба коррупсия дар Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (Бо фармони Раиси Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон аз “24” декабри соли 2024, № 60 тасдиқ гардидааст).

7. Нақшаи чорабиниҳо оид ба тартиби амалҳои Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ – узви Хазина ва ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ (Бо фармони Раиси Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон № 62, аз 31 декабри соли 2024 тасдиқ шудааст).

## 2.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ

Дар соли сипаришуда бахри тақвияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ва Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) идома ёфтанд.

Дар давоми соли 2024 Хазина бо мақсади ҷалби сармоя ва баркарор намудани захираҳои молиявӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи “Рушди бахши молиявӣ ва хусусии Тоҷикистон” фаъолона ҳамкорӣ намуд. Дар доираи лоиҳаи мазкур гранти сармоягузорӣ барои барқарор кардани эътимоди пасандоздорон ва маблағгузории Хазина (бо назардошти иҷрои шартҳои пешакии он), дастгирӣ дар самти харид ва татбиқи низоми автоматишудаи таҳияи феҳристи пасандозҳои суғурташуда, инчунин беҳгардонии раванди огоҳонӣ ва иттилооти ҷомеа оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, пешбинӣ шудааст.

Боиси қаноатмандӣ аст, ки санаи 9 октябри соли 2024 дар меҳмонхонаи “Ҳайят Реҷенсӣ” дар шаҳри Душанбе маросими ифтитоҳи лоиҳаи болозикр, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот» - и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад, баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдори кишвар, ташкилотҳои қарзию молиявӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон, иштирок намуданд.

Илова ба ин, Хазина дар давоми соли ҳисоботӣ дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии БОР оид ба таҳкими суботи молиявӣ ва устувории низоми бонкӣ ва ғайрибонкӣ дар Тоҷикистон (Knowledge and Support Technical

Assistance project), бо коршиносони БОР фаъолона ҳамкорӣ намуд. Лоиҳаи мазкур ба густариши соҳаи суғуртаи пасандозҳо, баланд бардоштани устувории молиявии Хазина, инчунин муайян кардани монеаҳои мавҷуда ва қадамҳои мушаххаси минбаъда оид ба татбиқи низоми муайянкунии андозаи пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ, ки ба арзёбии хавфи ташкилоти қарзӣ асос ёфтааст, тавассути такмили низоми ҳисоботи танзими молиявӣ дар Тоҷикистон равона карда шудааст.

Дар доираи ин ҳамкориҳо дар моҳи апрели соли 2024 ҳайати кории БОР ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, вохӯрии кормандони Хазина, инчунин Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молия ва ташкилотҳои қарзии алоҳида бо масъулини БОР баргузор гардид, ки дар рафти вохӯрӣ аз тарафи ҳайати БОР оид ба масъалаҳои асосии лоиҳа рӯнамоиҳо бо назардошти таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуданд. Инчунин, дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии мазкур, моҳи сентябри соли 2024 тибқи даъвати БОР кормандони Хазина дар якҷоягӣ бо ҳайати намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар идораҳои дахлдор дар семинари табодули таҷриба ба шаҳри Сеул, Ҷумҳурии Корея сафарбар гардида, дар рафти сафари омӯзишӣ бо низоми молиявии Корея, фаъолияти низоми кореягии суғуртакунии пасандозҳо, шиносоӣ пайдо карданд.

## 2.6. Сохтори ташкилӣ ва кормандони Хазина

Сохтори ташкилии Хазина аз Шурои нозирон, раис ва кормандони Хазина иборат аст. Мақоми олии идоракунии Хазина Шурои нозирони Хазина мебошад, ки барои назорати умумии фаъолияти Хазина масъул мебошад. Раиси Хазина барои идоракунии фаъолияти ҷории Хазина ва иҷрои қарорҳои Шурои нозирони Хазина масъул мебошад.

Ба санаи 31 декабри соли 2024 ҳайати кормандони Хазина мутобиқи ҷадвали вазифавӣ аз 12 нафар кормандони иборат аст, ки ин нисбат ба соли 2023 ба се нафар корманд зиёд мебошад.

Дар соли сипаришуда бо мақсади такмили сохтори ташкилии Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон, таъмини самараноки раванди корӣ ва иҷрои босифати вазифаҳо, бо қарори Шурои нозирони Хазина аз 19.03.2024, №3 ба сохтори ташкилии Хазина се воҳиди кории нав – аудитори дохилӣ, муҳосиб ва мутахассис оид ба технологияҳои иттилоотӣ ворид карда шуд.

Аз ҷумла, бо мақсади пурзур намудани низоми назорати дохилӣ ва идораи хавфҳо, тибқи талаботи моддаи 40(1) Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо”, инчунин моддаи 10 Қонуни ҶТ “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” дар сохтори ташкилии кормандони Хазина

воҳиди кории аудитори дохилӣ пешбинӣ карда шуд. Ҳамзамон, ворид намудани воҳиди кории муҳосиб бо мақсади таъмини муттасилии фаъолияти кории Хазина дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, идоракунии босамари дороиҳо ва банақшагирии молиявии Хазина, инчунин мутахассис оид ба технологияҳои иттилоотӣ барои бароҳмонӣ ва истифодабарии низомҳои иттилоотӣ ва таҷҳизоту телекоммуникатсия (сервер, компютер ва шабакаҳои корӣ), арзёбии роҳҳои автоматикунонии ҷараёнҳои корӣ ва таъмини ҳифзи иттилооти он дар Хазина, пешбинӣ гардид.

# Ҳисоботи молиявӣ

# 3. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ХАЗИНА

## Дороиҳои Хазина

Дар соли ҳисоботӣ дар шароити муътадилии вазъи низоми бонкӣ раванди устувори афзоиши маблағҳои Хазина идома ёфт. Тибқи ҳисоботи тавозунӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2024 маблағҳои (дороиҳои) умумии Хазина 282,0 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 35,8 фоиз зиёд гардид.

**Тамоюли тағйирёбии маблағҳои Хазина (млн. сомонӣ)**




Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ташкилотҳои қарзӣ пардохтҳои тақвимиро аз рӯи уҳдадориҳои худ вобаста ба асъори пасандоз, бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ ба Хазина пардохт менамоянд. Аз ин рӯ, маблағи Хазина аз бақияи маблағҳои бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ташаккулёфта иборат мебошад. Аз маблағи умумии дороиҳо 50,7 фоиз ба пули миллӣ ва 49,3 фоиз ба асъори хориҷӣ рост меояд.

Уҳдадориҳои Хазина маблағи 131,6 ҳазор сомонӣ ва сармояи Хазина 281,9 млн. сомониро ташкил доданд, ки дар таркиби сармоя 281,2 млн. сомонӣ ба захираҳои ташаккул додашуда барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда рост меояд. Аз рӯи ҳисоботи тавозунӣ ба санаи 31.12.2024 сол сармояи Хазина аз ҳисоби пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ 69,8 млн. сомонӣ, аз ҷумла пардохти ҳаққи узвият аз ҷониби ташкилотҳои қарзии навтаъсис 440,0 ҳаз. сомонӣ ва пардохтҳои тақвимӣ 69,4 млн. сомонӣ, афзуд. Ҳамзамон, аз ҳисоби захира барои ҷуброни суғурта (ҷубронпулӣ) маблағи 239,8 ҳаз. сомонӣ барои пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон истифода карда шуд.

Омилҳои асосии афзоиши маблағҳои Хазина асосан бо зиёдшавии захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда аз ҳисоби пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина бинобар афзудани ҳаҷми амонату пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, инчунин фаъолияти сармоягузории маблағҳои озоди Хазина, вобастагӣ дошт.

Тавре дар бахшҳои қаблии ҳисоботи мазкур зикр гардид, Хазина баҳри таъмини иҷрои саривақтии вазифаҳои худ ба сатҳи кофии захира барои пардохти ҷубронпулии суғурта ниёз дорад. Хазина тибқи ҳадафҳои стратегии худ тасмим дорад, ки дар давраи миёнамуҳлат ба ҳадди андозаи аксари маблағҳои худ[2] наздик гардад (бо шарти ба вуқуъ наомадани ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аз лиҳози уҳдадорӣ бузург), то ин ки билохир бо ноил гардидани он аз ҷиҳати молиявӣ худтаъминшавӣ ва устувории худро таъмин намуда, минбаъд барои нисбатан камтар намудани сарбории ташкилотҳои қарзӣ мусоидат намояд.

Дар соли 2024 андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина, ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, 2,4 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба нишондиҳандаи соли қаблӣ бетағйир мондааст.

**Суръати афзоиши дороиҳои Хазина ва пасандозҳои суғурташуда (бо фоиз)**




**Андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина (бо фоиз)**




[2] Андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина тибқи моддаи 7 Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" дар ҳаҷми 7 фоизи маблағи умумии амонату пасандозҳои суғурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.

## Даромад ва хароҷоти амалиётӣ

Дар соли 2024 даромадҳои Хазина тибқи ҳисоботи даромаду хароҷот маблағи 7,02 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 7,5 маротиба афзуданд. Афзоиши мазкур асосан бо даромади фоизии аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ гирифташуда ба маблағи 6,9 млн. сомонӣ, вобаста мебошад. Иҷроиши қисмати даромади буҷети солона 137,7 фоизи даромадҳои дар соли 2024 пешбинишударо ташкил дод.

Хароҷотҳои амалиётии Хазина бошанд дар маҷмӯъ дар доираи буҷет (харҷнома)-и аз тарафи Шурои нозирони Хазина тасдиқшуда ҷамъбаст ёфта, маблағи он 2,67 млн. сомониро ташкил дод. Коэффитсиенти истифодаи (азхудкунии) маблағ ё худ ҳиссаи хароҷотҳои воқеӣ нисбат ба харҷномаи тасдиқшуда, 102,7 фоизи хароҷотҳои дар соли 2024 ба нақша гирифташударо ташкил дода, харҷномаи тасдиқшуда дар маҷмуъ риоя карда шудааст. Сабаби асосии аз буҷети (харҷномаи) тасдиқшуда нисбатан зиёдтар ҷамъбаст шудани хароҷотҳои Хазина, бо афзудани хароҷоти хизматрасонӣ ва пардохти комиссияи ҶСК "Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ" ва ҶСП "Маҳфуздорандаи марказӣ" дар натиҷаи қонеъ карда шудани ҳаҷми бештари дархостҳои Хазина дар музоядаҳои барориши коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молия, вобаста буд.

Ҳамин тариқ, Хазина дар соли 2024 фаъолияти молиявии худро бо фоида ҷамъбаст намуда, тибқи ҳисоботи маҷмӯии фоида ва зарар фоидаи софи аз ҳисоби фаъолияти амалиётӣ ба даст овардашуда маблағи 4,35 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2023 ба андозаи 2,7 маротиба зиёд мебошад.

**Даромади софи Хазина (млн. сомонӣ)**



**Замимаҳо**

Мутобиқи қонун фаъолияти Хазина ҳар сол мавриди санҷиши аудитории берунӣ қарор мегирад. Санҷиши фаъолияти молиявии Хазина дар соли 2024 аз тарафи ширкати аудитории ЧДММ “Консултант Аудит” гузаронида шуд. Тибқи хулосаи ширкати аудиторӣ ҳисоботҳои молиявии Хазина ва нишондиҳандаҳои он, ҳолат ва натиҷаҳои молиявии Хазина ба ҳолати 31 декабри соли 2024 дар мутобиқат бо Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дуруст инъикос карда шудаанд.

## ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНӢ
## ба ҳолати 31 декабри соли 2024

| Бо сомонӣ | 31.12.2024 | 31.12.2023 |
|---|---|---|
| ДОРОИҲО | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | 142 831 543 | 157 616 542 |
| Дороиҳои молиявӣ то мӯҳлати пардохт | 136 899 696 | 49 873 930 |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 2 079 420 | 42 947 |
| Воситаҳои асосӣ | 136 767 | 52 879 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 12 699 | 15 679 |
| Дигар дороиҳо | 25 546 | 17 623 |
| **Ҷамъ дороиҳо** | **281 985 671** | **207 619 600** |
| УҲДАДОРИҲО | | |
| Ҳисобҳои дигар барои пардохт - пули миллӣ | 37 938 | 23 759 |
| Ҳаққузорӣ ба Фонди ҳифзи иҷтимоӣ барои пардохт | 7 587 | 9 889 |
| Дигар уҳдадориҳо | 86 030 | 85 629 |
| **Ҷамъ уҳдадориҳо** | **131 555** | **119 277** |
| САРМОЯ | | |
| Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ | 590 232 | 590 232 |
| Сармояи изофа | 2 560 286 | 2 120 286 |
| Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | 281 214 904 | 211 652 032 |
| Фоидаи тақсимнашуда (зарар) | (2 511 306) | (6 862 227) |
| **Ҷамъ сармоя** | **281 854 116** | **207 500 323** |
| **ҶАМЪ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | **281 985 671** | **207 619 600** |

## ҲИСОБОТИ МАҶМӮИИ ФОИДА ВА ЗАРАР
## ба ҳолати 31 декабри соли 2024

| Бо сомонӣ | 31.12.2024 | 31.12.2023 |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 6 902 303 | 920 749 |
| Хароҷоти фоизӣ | (17 923) | 0 |
| **Даромади фоизии соф** | **6 884 407** | **920 749** |
| Дигар даромадҳо | 122 699 | 1 162 799 |
| **Ҷамъ даромадҳо** | **7 007 106** | **2 083 548** |
| Фонди махсус аз рӯи гарави гирифташуда | 0 | (282 434) |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | (2 656 184) | (1 658 863) |
| Даромад (зарар)-и холис аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | 0 | 1 440 531 |
| **Фоида (зарар) то андозбандӣ** | **4 350 922** | **1 582 782** |
| Андоз аз фоида | 0 | 0 |
| **Фоида (зарар)-и соф** | **4 350 922** | **1 582 782** |

## ҲИСОБОТИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
## ба ҳолати 31 декабри соли 2024

| Бо сомонӣ | 31.12.2024 | 31.12.2023 |
|---|---|---|
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ* | | |
| Пардохти ҳаққи узвият | 440 000 | 90 000 |
| Пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ | 69 378 167 | 47 928 349 |
| Фоизи (дисконти) гирифташуда аз рӯи коғазҳои қиматнок | 4 865 856 | 998 502 |
| Воридшавии маблағ аз ташкилоти қарзии барҳамхӯрда | 0 | 0 |
| Дигар даромадҳо | 80 268 | 1 163 118 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | (2 626 727) | (1 606 443) |
| Пардохти комиссия ба бонк-агентҳо | 0 | 0 |
| Пардохти ҷубронпулии суғурта | (239 825) | (958 184) |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтнашуда аз бонк-агент | 0 | 0 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **71 897 740** | **47 615 342** |
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ* | | |
| Харидории воситаҳои асосӣ | (106 010) | (14 000) |
| Харидории коғазҳои қиматнок | (252 209 860) | (349 125 057) |
| Бозгашти воситаҳои пулии аз коғазҳои қиматнок | 166 684 860 | 399 001 499 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(85 631 010)** | **49 862 442** |
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ* | | |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **0** | **0** |
| Тағйирёбии қурби асъор | (1 051 729) | 1 440 531 |
| Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ | (14 784 999) | 98 918 315 |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **157 616 542** | **58 698 227** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охир сол** | **142 831 543** | **157 616 542** |

## ҲИСОБОТ ОИД БА ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯ
## ба ҳолати 31 декабри соли 2024

| Бо сомонӣ | Сармояи саҳомии пардохт-шуда | Сармояи изофа | Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | Фоида/ зарари тақсимна-шуда | ҶАМЪ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 01 январи с.2023** | **590 232** | **2 030 286** | **164 681 869** | **(8 443 849)** | **158 858 538** |
| Фоидаи (зарари) соф | | | | 1 582 782 | 1 582 782 |
| Зиёдшавии сармояи изофа | | 90 000 | | | 90 000 |
| Зиёдшавии захира барои ҷуброни суғурта | | | 47 928 349 | | 47 928 349 |
| Тасҳеҳи фоида барои соли ҳисоботӣ | | | | (1 160) | (1 160) |
| Истифодаи захира барои ҷуброни суғурта (ҷубронпулӣ) | | | (958 184) | | (958 184) |
| **Бақия ба санаи 31 декабри с. 2023** | **590 232** | **2 120 286** | **211 652 034** | **(6 862 227)** | **207 500 324** |
| Фоидаи (зарари) соф | | | | 4 350 922 | 4 350 922 |
| Зиёдшавии сармояи изофа | | 440 000 | | | 440 000 |
| Зиёдшавии захира барои ҷуброни суғурта | | | 69 378 167 | | 69 378 167 |
| Тасҳеҳи фоида барои соли ҳисоботӣ | | | 424 527 | | 424 527 |
| Истифодаи захира барои ҷуброни суғурта (ҷубронпулӣ) | | | (239 825) | | (239 825) |
| **Бақия ба санаи 31 декабри с. 2024** | **590 232** | **2 560 286** | **281 235 904** | **(2 511 306)** | **281 854 116** |

**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**+(992) 44 600 66 00**
**info@dif.tj**
**www.dif.tj**